«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.**

________________

«07» феврали с. 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Давлатзода Комрон Давлат ҳамчун дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Аз соли 2016 то имрӯз ба ҳайси ассистент ва дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Соли 2016 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2019 дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии мубориза бар зидди тамаъҷӯӣ» дифоъ намудааст.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2019 таҳти №06 тасдиқ шудааст. Мушовири илмӣ Назаров Аваз Қувватович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05 феврали 2024 (с/м № 7) ба ҳимоя тавсия шудааст.

Таърихи даҳсолаҳои охир дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ, аз афзоиш ёфтани ҷиноятҳо бо истифода аз интернет ва компютерҳо шаҳодат медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, соҳаи иттилоот на танҳо ба майдони ҳамкориҳои байналмилалӣ, балки ба майдони мухолифат низ табдил ёфтааст, ки аз афзоиши эҳтимолии фаъолияти киберҷиноятҳо шаҳодат медиҳад. Ин раванд ба содиршавии ин ҷиноятҳо сабаб гардида, шабакаи интернет на танҳо воситаи содиршавии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, балки барои баланд бардоштани сатҳи касбии ҷинояткорон мусоидат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки даромади ҷинояткорони марбут ба истифодаи ғайриқонунии технологияҳои навтарин дар ҷаҳон, пас аз даромад, аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст, мусоидат намуд.

Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ генезиси (пайдоиши) доимии киберҷиноятро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ва ҳам ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад.

Имрӯз, киберҷиноятҳо як мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати киберҷинояткориро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд. Бо вуҷуди шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК), дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад, ки ин на танҳо барои таҳияи чораҳои ҳуқуқӣ оиди мубориза бар зидди ин навъи ҷиноят дар сатҳи миллӣ, балки барои ҷамъоварии маълумоти муқоисашавандаи оморӣ, рушди системаи ягонаи баҳисобгирӣ, дар сатҳои гуногун мушкилоти зиёдеро ба миён меорад. Истилоҳи «киберҷиноятҳо» ҳоло дар баробари истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» истифода мешавад ва аксар вақт ин мафҳумҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Воқеан, ин истилоҳот ба ҳамдигар хеле наздиканд, вале синоним маҳсуб намешаванд. 4-уми июли соли 2023, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни нишасти Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиё, ки дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид намудаанд, ки ба амнияти минтақа бо миқёси афзоянда терроризм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва киберҷиноятҳо таҳдид мекунад. Аз ин лиҳоз аъзоёни Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои эътимод дар Осиёро зарур аст, ки мубориза бар зидди ин хавфҳоро ҳадафи асосии фаъолияти мақомоти қудратии хеш қарор диҳанд. Дар воқеъ киберҷиноятҳо-ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ, тавассути шабакаи интернет, системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– омӯхтан ва муайян кардани таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо;

– таҳлил ва пешниҳоди мафҳуми киберҷиноятҳо;

– муайян намудани номгуи киберҷиноятҳо ва асосҳои таснифи онҳо;

– тартиби ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо;

– таҳқиқ ва таҳлили ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ;

– омӯзиши фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ;

– таҳлили илмӣ-амалии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS);

– баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо;

– омӯзиш баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ);

– таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд;

– таҳлили ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо;

– баррасии хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор;

– таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,

мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ дар самти проблемаҳои асосии доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумлаи Р.Ҳ. Раҳимзода, Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, Ф.Р. Шарифзода, Р.Ш. Шарофзода, З.Ҷ. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода, А.Қ. Назаров, В. Б. Вехов, А. Г. Волеводов, В. А. Голубев, Ю. В. Гаврилин, А. И. Коробеев, В. Н. Кудрявсев, В. Е. Козлов, И. Я. Козаченко, М. И. Ковалев, Н. Ф. Кузнетсов, Н. А. Лопашенко, Ю. И. Ляпунов, С. И. Никулин, А. В. Наумов, С. В. Полубински, Л. Д. Галиакбаров, А. А. Гаухман, Т. А. Герсензон, А. И. Долгов, Г.А. Есаков, А. М. Жодзишский, Р. В. Жубрин, О. С. Капинус, В. С. Комиссаров, С. М. Кочои, Н. Ф. Кузнетсов, Б. А. Куринов, В. Д. Курушин, А. Н. Ларков, В. Н. Лопатин, В. В. Лунеев, А. В. Наумов, Б. С. Никифоров, В. А. Номоконов, К. В. Образиев, В. С. Овчинский, А. Л. Осипенко, А. В. Павлинов, С. В. Пархоменко, И. М. Рассолов, В. С. Савелев, Д. А. Соколов, Н. С. Таганцев, А. Н. Трайнин, А. И. Чучаев, П. С. Яни, аҳаммияти калони назариявӣ доранд.

**Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** методҳои диалектикӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисави-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷида шудаанд, фаро гирифтаанд. Методҳои умумӣ-илмӣ имкон дод, ки омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир инчунн истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад.

**Навгонии илмии рисола** дар он ифода меёбад, ки масъалаи муайян кардани таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо, мафҳум ва намудҳои киберчиноятҳо, ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберчиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва қонунгузории ватанӣ, таҳқиқи таркиби киберҷиноятҳо, таҳлили ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи)

киберҷиноятҳо, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи диссертатсонӣ қарор гирифтааст.

**Оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия** аз ҷониби муаллиф ду монография, як воситаи таълимӣ, 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудаанд, аз он ҷумла:

**I. Монографияҳо**:

**1.** Раджабов, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: монография / К.Д. Раджабов. –Душанбе: «Лахути», 2020. – 156 с. (9,75 п.л.). ISBN:978-99975-358-7-0.

**2.** Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо [Матн]: монография / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 248 с. (15,5 ҷ.ч.). ISBN 978-99985-41-01-6.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**3.** Раджабов, К.Д. Развитие понятия вымогательства в уголовном праве [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 2/7. – С. 237-241. ISSN 2413–5151.

**4.** Раджабов, К.Д. Объективная сторона вымогательства [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. –2018.– № 2. – С. 210-214. ISSN 2413-5151.

**5.** Давлатзода, К.Д. Масоили таърихӣ ва назариявии ташаккули ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2021. –№ 4 (44) . – С. 92-95. ISSN 2410-2903.

**6.** Давлатзода, К.Д. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –

№3. – С. 229-236. ISSN 2413-5151.

**7.** Давлатзода, К.Д. Истифодаи технологияи рақамӣ дар фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №4. – С. 207-212. ISSN 2413-5151.

**8.** Давлатзода, К.Д. Праблемаҳои хуқуқии-ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1(25). – С. 179-187. ISSN 2414 9217.

**9.** Давлатзода, К.Д. Ҷаҳонишавии проблемаҳои киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022 – №9. – С. 231-237. ISSN 2413-5151.

**10.** Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284. ISSN 2413-5151.

**11.** Давлатзода, К.Д. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2022. –№ 2 (46) . – С. 117-122. ISSN 2410-2903.

**12.** Давлатзода, К.Д. Таҳқиқоти хуқуқии ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва хуқуқи инсон. – 2022. – №3(27). – С. 428-434. ISSN 2414 9217.

**13.** Давлатзода, К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содишавии киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144. ISSN 2410-4221.

**14.** Давлатзода, К.Д. Кибертерроризм ҳамчун намуди нави амали террористӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №1. – С. 207-213. ISSN 2413-5151.

**15.** Давлатзода, К.Д. Аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 221-229. ISSN 2413-5151.

**16.** Давлатзода, К.Д. Ҳамкориҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо: дар мисоли Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 232-237. ISSN 2413-5151.

**17.** Давлатзода, К.Д. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии савдои одамон дар фазои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 228-234. ISSN 2413-5151

**18.** Давлатзода, К.Д. Порнографияи кӯдакон дар Интернет: Мафҳум, оқибат ва масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бар зидди он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 244-249. ISSN 2413-5151

**19.** Давлатзода, К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 3(51). – С. 144-150. ISSN 2410-2903.

**20.** Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3(59). – С. 31-36. ISSN 2412-141X

**21.** Давлатзода, К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS) [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – С. 233- 240. ISSN 2413-5151

**22.** Давлатзода, К.Д. Тавсифи криминалогии шахсияти киберҷинояткор [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 4 (52). – С. 211-217. ISSN 2410-2903.

## III. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:

**23.** Давлатзода, К.Д. Нақши тафаккури сунъӣ дар раванди амалишавии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Криминалистикаи муосир. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. –С. 111-117. ББК 67.99 (2) 93 УДК 343.9 (063.3) (575.3)

**24.** Давлатзода, К.Д. Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун субъектони муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // 25–солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 143-148. ТДУ 341.12

**25.** Давлатзода, К.Д. Барномаҳои зараровар ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо: мафҳум ва намудҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир». – Душанбе, 2023. – С.235-238. ТБК (ББК):347.34(575.3) ТДУ (УДК):67.99(2Т) М-37

**26.** Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои киберӣ: қаллобӣ дар фазои маҷозӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров. (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе). – Душанбе, 2023. – С. 61-64. УДК 343

**27.** Давлатзода, К.Д. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии ДМТ». – Душанбе, 2023. – С. 405-409. УДК:001:372.851 (575.8) ББК:73.3 (2т) М–12

**28.** Давлатзода, К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар шароити муосир. Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233. ТДУ: 342.4(575.3) ТКБ:67.99(2Т)9 М–31

**29.** Давлатзода, К.Д. Интернет воситаи содиршавии кибертаъқиб [Матн] / К.Д. Давлатзода // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ). – Душанбе, 2023. – С. 189-169. УДК:342.4 (063.3)(575.3) ББК:67.99 (2т) 01 (2 тоҷик) Ҳ–67

**30.** Давлатзода, К.Д. Таҳлили таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии онҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ. – Душанбе, 2023. –С. 280-289

**IV. Воситаи таълимӣ:**

**32.** Давлатзода, К.Д. Асосҳои тафтиши киберҷиноятҳо [Матн]: воситаи таълимӣ / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. –150 с. (9,3 ҷ.ч.). – ISBN:978-99985-41-11-5.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯъ фаро мегиранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳаммияти иҷтимоии волоияти қонун дар он вобаста аст, ки меҳвари онро, аз як тараф, мунтазам риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби тамоми шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва аз тарафи дигар, барои бемамоният ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, инчунин манфиатҳои ҷамъият ва давлат, ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз, дар доираи рисолаи мазкур, масоили мубрами ҷаҳонишавии проблемаҳои киберҷиноятҳо ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои

маҷозӣ, тавассути системаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шуданд, ҳамчунин таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, сабабҳои содиршавӣ ва хусусиятҳои мубориза бар зидди он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Саҳми шахсии муаллифи** рисола бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағийру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо

киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33 -35, 37-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷинояти ва криминалогия, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар кишвар мубрам мебошад.

Ҳамин тавр, аз руӣ ҳолатҳои болозикр, кафедра чунин Қарор қабул намуд:

1. Диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи: «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31 -37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руӣ ихтисоси 12 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 15 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

**Суратмаҷлис аз 05 феврали соли 2024, № 7**

**Раискунандаи ҷаласа:**
**профессори кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**н.и.ҳ.** **Ямоқова З.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шарипов С.С.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ**
**«05» феврали с. 2024** **Тавқиев Э. Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj